АЗ СУХАН ПУХТА ШАВАД ХОМИ ҲАМА!

# ДАРМОНБАХШ

E-mail: darmonbakhsh2017@mail.ru Нашрияи Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз

№ 7 (28) 16 октябри соли 2020, ҷумъа
(Оғози нашр: соли 2017)

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО БУНЁДКОРОНИ НЕРУГОҲИ БАРҚИ ОБИИ «РОҒУН» МУЛОҚОТ НАМУДАНД




14 октябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди шиносоӣ бо ҷараёни корҳо дар Неругоҳи барқи обии “Роғун” бо бунёдкорони ин иншооти азими кишвар мулоқот карданд.

Нахуст Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба натиҷаҳои баргузории чорабинии муҳими сиёсӣ — интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон андешаронӣ карда, таъкид доштанд, ки дар интихобот мардуми шарифи тоҷик бори дигар пуштибониву садоқати худро аз сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва оянда ободу осудаи давлати соҳибистиқлол исбот карданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз фурсат ба мардуми сарбаланди тоҷик ва ҳамватанони бурунмарзӣ барои дастгирии сиёсати созандаи роҳбарони давлату Ҳукумати кишвар изҳори сипосу миннатдории самимӣ карданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз таърихи ба кор андохтани агрегатҳои якум ва дуюми неругоҳ, ки он қадар вақти тӯлонӣ нагузаштааст, ёдовар шуда, бо қаноатмандӣ изҳор доштанд, ки тавассути ду агрегати он то имрӯз аллакай 1,7 миллиард киловатт — соат неруи барқ истеҳсол ва ба шабакаҳои энергетикии мамлакат интиқол дода шудааст.

Аз аввали корҳои барқарорсозии иншооти неругоҳ, яъне аз соли 2008 то ба ҳол 25 миллиарду 340 миллион сомонӣ маблағ равона гардидааст.

Танҳо соли 2020 барои сохтмони он аз ҳисоби буҷети давлат қариб се миллиард сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Таъкид гардид, ки айни ҳол дар сохтмон 12707 нафар коргарон ва кормандони муҳандисиву техникӣ, аз ҷумла 1990 нафар кормандони Ширкати “Вибилд” дар ду вахта бо истифода аз 3824 мошину механизмҳо шабонарӯзӣ фаъолият мекунанд.

Вобаста ба иҷрои корҳо дар қитъаҳои гуногуни иншоот Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки нақби чорум бояд дар муҳлатҳои муайянгардида ва бо сифати баланд ба истифода дода шавад, зеро истифодаи он ба баланд бардоштани сатҳи сарбанд ва обгирии обанбор дар нуқтаи 1100 метр имкон медиҳад, ки ин, дар навбати худ, сабаби афзоиши истеҳсоли қувваи барқ мегардад.

Барои тезонидани кор дар иншоот Президенти мамлакат таваҷҷуҳи ширкатҳои пудратиро ба тезонидани корҳо ва таъмини босифати он ҷалб карданд.

Ширкати “Вибилд”, ки тибқи шартнома бунёди сарбандро ба уҳда гирифтааст, вазифадор гардид, ки иҷрои корҳоро то сатҳи 1110 метр дар муҳлати муайянгардида таъмин намуда, ба масъалаи устувории сарбанд ва пешгирӣ намудани пуршавии обанбор аз оболвардҳо аҳамияти аввалиндараҷа диҳад.

Барои пешрафти корҳо дар иншоот зарур шумурда шуд, ки шумораи мошину механизмҳо дар сохтмони сарбанд бояд бамаротиб зиёд карда, ҳаҷми рехтану шиббa кардани сангу шағал ва масолеҳи дигар ба сарбанд афзоиш дода шавад.

Яъне бо ин роҳ кори бунёди неругоҳ боз ҳам суръат бахшида шуда, бояд муҳлати пурра ба кор андохтани агрегатҳои боқимондаи он ҳарчи камтар карда шавад.

Таъкид гардид, ки коргарон бояд ба эътимоднокии корҳои сохтмон ва истифодаи масолеҳу таҷҳизоти босифати ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои ҷаҳонӣ диққати аввалиндараҷа диҳанд.

Кормандони назорати техникии НБО “Роғун” вазифадор шуданд, ки якҷо бо мутахассисони Хадамоти давлатии назорати меъморӣ ва сохтмони назди Кумитаи меъморӣ ва сохтмон ва Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкорӣ масъалаи мазкурро бо речаи шабонарӯзӣ таҳти назорат қарор диҳанд.

Баъди таҳлили пурраи ҷараёни корҳо дар иншооти муҳими кишвар Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди роҳбарони неругоҳ вазифаҳои мушаххас гузоштанд.

Пас аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбари кулли Ширкати «Вибилд» Петро Салинӣ оид ба иҷрои корҳо дар сарбанди неругоҳ андешаронӣ кард.

Дар охир Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тамоми сохтмончиёни неругоҳ, аз ҷумла ба ҳамаи онҳое, ки бо фаъолияти созандаи худ кори бунёди иншооти тақдирсози миллат ва ба кор андохтани агрегатҳои минбаъдаи онро вусъат бахшида истодаанд, аз номи мардуми Тоҷикистон ва Ҳукумати мамлакат изҳори сипос намуданд.

**АМИТ «Ховар»**





**БАХШИДА БА 10 ОКТЯБР – РӮЗИ УМУМИҶАҲОНИИ СОЛИМИИ РАВОНӢ**

# СОЛИМИИ РАВОНӢ - СОЛИМИИ ҶОМЕА

**Дар ҳар як 40 сония кадом нафаре дар натиҷаи худкушӣ мемирад .10 октябр рӯзи умумиҷаҳонии солимии равонӣ - сабаб ҷомеаро хушдор додан, ба хотир овардан дар бораи мушкилоти солимии равонӣ ва кушиши сафарбар кардан дар дастгирии мустаҳкамкунии солимии равонӣ.**

**Икромзода МАНИЖА,**
**донишҷӯи курси 1,**
**Кори момоӣ, КТК**



Беморие равонӣ яке аз мавзӯҳои доғ дар ҷомеаи мо ба ҳисоб меравад. Ин мавзӯъ набояд ҳар як фарди ҷомеаро бетараф гузорад. Зеро, агар нафаре аз мо тавонад ба нафари ба худ наздик, дӯст, ва ё дугонаи худ маслиҳати муфиде дода, ӯро аз роҳи ғайриинсонӣ баргардонад ин кори хайре мебуд. Вале, афсус, ки мо бетарафиро болотар медонему ба касе кор надорем, ҳол он ки ин мусибат, ин бемории равонӣ метавонад ба сари мо, ба сари нафари наздики мо биёяду баъдан мо паи андешае бишавем. Ҳатто ҳазорҳо маротиба мо пушаймон мешавем, ки барои чӣ аз дарди дили фарзанд, хоҳар, бародар ва ё додару апаи худ боре хабардор нашудем, ҳатто напурсидем, ки чӣ мушкилие дорад ва баҳри рафъи мушкилии вай чӣ коре карда метавонам, гуфта ба он нафари надик дасти мадад дароз карда бошем. Ҳайҳот, ки ҳамаи ин гуфтаҳо баъди кор аз кор гузаштан ба сари мо меояд.

**Ойҷонбии САИДИСЛОМ,**
**донишҷӯи курси 1,**
**Кори момоӣ, КТК**



Мушкил он аст, ки барои бартараф кардану кӯмак намудани нафари бемории равонӣ дошта, пеш аз ҳама равоншинос лозим аст. Мутахассиси равоншинос бошад дар мо хеле ва хеле ангуштшумор аст. Ҳарчанд, ки ин гурӯҳ мутахассисон чун боду ҳаво ба мо дар ҳама шароит зарур ҳастанд. Барои чӣ дар хориҷа аз кӯдакистон сар карда, дар мактабҳои таҳсилоти миёна, коллеҷу донишгоҳҳо ва ҳатто идораву муассисаҳо ҳатман воҳиди кории равоншинос мавҷуд аст ва доимо як нафар мутахассис дар он воҳиди корӣ кор мекунад. Дар мо аз чӣ бошад дар даврони 29 солагии соҳибистиқлолӣ ҳанӯз ҳам равоншиносон ба қадри лозима намерасанд. Дар кадом мактаби миёнаи ноҳияҳо мутахассиси равоншинос кор мекунаду он доимо паи касабаи худ дар кор аст? Ин суоле ҳаст, ки ҳанӯз ҳам барои он ҷавоб мечӯем. Вақти он расидааст, ки ин мушкилот роҳи ҳалли худро биёбад, ки ин падидаи номатлуби худкушиву худсӯзӣ, ки бахусус дар байни насли ҷавон рух медиҳад аҳли ҷомеа ҳама кор кунанду пеши ин роҳи номатлум гирифта шавад.

**Мавлуда ХОЛМАДОВА,**
**донишҷӯи курси 1,**
**Кори момоӣ, КТК**



Мушкили иқтисодӣ, вазъияти иҷтимоӣ аксарияти нафарони гирифтори беморӣ равонӣ шударо ба он тела медиҳад. Ҳатто баъзан як чизи кирои гап набуда, боис ба бухрони равонӣ оварда расониданy ба худкушӣ ва ё худсӯзӣ оварда расонидани кас мегардад. Ҳарчанд нафаре ба он одами чунин рафтор карда наздик, дӯст, дугона ва ё бародару хоҳар метавонад сабабгори сади роҳи ин амал шавад. Чунки мо тоҷикон аз бузургонамон сар карда, то ба менталитети мусалмонии худ роҳу воситаҳои таъсиргузоре дорем, ки шахсро метавонад аз чунин ниятҳову рафторҳои маргбор боз дорад ва ба ҳолати солимӣ оварда расонад. Танҳо бетарафӣ ин бешарафист, ки рост аст. Ҳамчунин, ҷомеа низ дар ин масъала бояд кор кунад. Ло ақал мо дар таҳлилу барасиҳои ин масъала тавонем оморҳои сол аз сол чунин нангинро воқеан кам кунем, на ба таври дуруғнависии нодурусти оморӣ. Охир зиёдшавии ин падида сол ба сол зарар ба оила, зарар ба ҷомеа ва зарар ба давлат аст.

**Дилафрӯзи РУСТАМ,**
**донишҷӯи курси 1,**
**Кори момоӣ, КТК**



Ба гурӯҳи осебпазири беморӣ равонӣ дохиланд, гурезаҳо, муҳоҷирон, зарардидаҳои офати табиӣ. Маълум, ки ин гурӯҳ омил, сабабҳои ба беморӣ равонӣ мубтало шудан бештар доранд, барои ҳамин ба гурӯҳҳои осебпазир ворид шудаанд.

Ҳар сол умуман қариб 800 ҳазор нафар ҳаёти худро бо худкушӣ аз даст медиҳанд, бештари одамон талоши содир кардани худкушӣ мекунанд. Ҳар як худкушӣ – ин фоҷиа, оварандаи мусибат ба оилаҳо, ҷомеа ва умуман ба мамлакатҳо ва хос давомдор оқибатҳо барои одамон, ки ин мушкилиро паси сар карданд. Худкушӣ дар гурӯҳҳои гуногуни сину сол ба амал омада ва дуюмин пешабаранда сабаби марги одамон дар сину соли 15-29 сола дар тамоми дунё аст.

**Басгули НЕЪМАТУЛЛО,**
**донишҷӯи курси 1,**
**Кори момоӣ, КТК**



Худкушӣ дар ҳама давраи ҳаёт ба амал меояд ва соли 2016 дуюмин пешбарандаи сабабҳои марг дар байни одамони ҷавони 15-29 сола дар сафи умумҷаҳонӣ гардид. Худкушӣ на танҳо дар кишварҳои дорои даромади баланд рух медиҳад, ин фономени умумибашарӣ барои ҳамаи минтақаҳои дунё хос аст. Воқеи бо далел зиёда аз 79% худкушиҳо дар дунё дар соли 2016 дар кишварҳои даромади ниҳоят паст дошта ва ё даромади миёна дошта рух додааанд.

Худкушӣ - ин мушкилоти ҷиддии саломатии ҷамъиятӣ мебошад, лекин дар вақти ҳолати саривақтӣ бо аркон факт асос шуда ва қисман чораи на он қадар қисмати пешгирӣ кардан, метавонад худкушӣ пешгирӣ карда шавад. Барои таъмин фоидаоварии чораҳои аксуламали миллӣ барномаи байнисекторӣ пешгирии худкушӣ талаб карда мешавад.

Худкуширо метавон пешгирӣ кард. Барои пешгирии худкушӣ ва пешгирии кушиши худкушӣ дар сатҳи гурӯҳи аҳолӣ, зерпопулятсияи одамони алоҳида, метавонад истифода шавад. Ба инҳо медароянд: Маҳдудкунии дастрасӣ ба ашёҳои худкушӣ (мисол, пестицид, силоҳи оташфишон, баъзе доруҳо). Тарғиби масъулона дар ВАО. Чорабиниҳо дар сатҳи муассисаҳои таълимӣ. Ҷори кардани сиёсати алкоголӣ барои кам кардани истифодаи зараровари машруботи алкоголӣ.

**Зифнунби ЁРМАДОВА,**
**табиб - геникoлог, шаҳри Кӯлоб**



Муайян кардани бармаҳали беморӣ, табобат ва паи нигоҳубини одамоне, ки аз ҷиҳати равонӣ осебпазиранд. Ва вобастагиҳои гуногун, дардҳои музмин, давомдор ва тезии осебпазирии эҳсосӣ.

Омода кардани шахсони тиббии махсусгардонида нашуда оиди баҳои суолҳо ва идораи кирдори худкушӣ. Худкушӣ – ин суоли мураккаб аст ва барои ҳамин талош барои пешгирии худкушӣ ҳаракат кардан ва кори якҷояро аз қисми пурраи сектори ҷамъиятӣ талаб мекунад, аз ҷумла сектори тандурустӣ ва дигар секторҳо ба мисли маориф, захираҳои меҳнатӣ, хоҷагии қишлоқ, соҳибкорӣ, ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи мудофиавӣ, сиёсат ва ВАО.

Тамғагузорӣ, махсусан ба муносибати омодагии равонӣ ва худкушӣ, ки одамони зиёд дар бораи он фикр карда, ҳаёти худро аз даст дода, ва ё талоши худкушӣ мекунанд, ба касе барои кӯмак муроҷиат намекунанд ва барои ҳамин он кӯмаке, ки ба онҳо заруранд намегиранд. Пешгирии худкушӣ диққати лозимаро намегирад аз барои набудани фаҳмиши он ки худкушӣ мушкилоти азими саломатии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Барои баҳси кушодаи ин мушкилот дар шароити имрӯза танҳо каме аз кишварҳо ба қатори тандурустии бартаридоштаи худ пешгирии худкуширо дохил карданд. Ва танҳо 38 давлат дар бораи мавҷуд будани стратегияи миллӣ оиди пешгирии худкушӣ хабар доданд. То ки кишварҳо тавонанд пешравиро дар масъалаи пешгирии худкушӣ соҳиб шаванд ба онҳо лозим аст фаҳмиши ин мушкилоти ҷомеаро чуқур кунанд ва аз ин мушкилот халос шаванд.

**Талбак САИДОВ,**
**табиб, ноҳияи Фархор**



Пушида нест, ки мушкилоти равонии одамон дар кишвари мо, ки мо шаҳрвандони он як узви ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳастем сол ба сол рӯ ба зиёдшавӣ дорад. Мисоли онро дар ВАО мо мехонем ва мебинему мешунавем, ки дар ҳар як гӯшаву канори кишварамон ҳодисаи худкушӣ рух додаст. Ҳатто дар як моҳ ду, се гузориш дар бораи зане, ки худ ва кӯдакони худро ба об андохта ғарқ карда буд. Боз ба ҳамин монанд, рафтори зани дигаре низ паҳш шуда буд. Ва ниҳоят охирон гузориши Радиои озодӣ аз Бадахшон рафта буд, ки ҷавоне худро ба об партофта, ғарқ кардани шуд ва ду сарбози ҷавон барои наҷот додани ӯ худро шаҳид карданд ва он нафари худро ба об партофта низ ҳаёти ҷавони худро аз даст дод. Ҳатто мисоле он ҷо оварда шудааст, ки яке аз сарбозон тавонистааст он ҷавонро розӣ кунонад, ки худро ғарқ накунад ва дар лаҳзаҳои ҳасос кадом нафаре аз хешони наздики ҷавони худро ғарқкунанда пайдо мешавад ва ӯ худро зуд ба об мепартояд. Мисол, дар он, ки агар он нафари хеши наздикаш худро нишон намедод ва ин ҷавони сарбоз тавониста буд он ҷавони гумроҳшударо аз худкушӣ нигоҳ дорад. Барои ҳамин мо бояд талоши кӯмак карда тавонистани нафаре бошем, ки мушкилии равонӣ дорад ва муҳтоҷи кӯмаки атрофиён аст.

**«Дармонбахш»**

АЗ СУХАН ПУХТА ШАВАД ХОМИ ҲАМ
ДАРМОНБАХШ
Нашрияи Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии давлатии шаҳри Кӯлоб»
№1 (1) 21 марти соли 2017, сешанбе (оғози нашр: соли 2017)

**МУАССИС:**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «КОЛЛЕҶИ ТИББИИ ШАҲРИ КӮЛОБ» БА НОМИ РАҲМОНЗОДА РАҲМАТУЛЛО АЗИЗ**

**САРМУҲАРРИР**
**Билоли ШАМС**

**МУШОВИРОН:**
Азиззода Зубайдулло Абдулло, номзади илмҳои тиб, директори МДТ “Коллеҷи тиббии ш.Кӯлоб” ба номи Раҳмонзода Р.А.
Назарзода Ҷумахон Шамс, мушовири директори МДТ “Коллеҷи тиббии ш.Кӯлоб” ба номи Раҳмонзода Р.А.
Фариддун Сафаров, номзади илмҳои тиб;
Ниёзмад Шомадов, номзади илмҳои тиб;
Абдусамадзода Бахтулло, ҷонишини директор оид ба таълими Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 034/РЗ-97 аз 15. 09. 2017 ба қайд гирифта шудааст.

РӮЗНОМА БО ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ

Рӯзнома дар ҶДММ «Мега-принт» бо теъдоди 3000 нусха чоп карда шуд.

Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

**ТЕЛЕФОН:**
Идора: (918) 81 – 17 – 92

**НИШОНИИ МО:**
735360, ш.Кӯлоб, кӯчаи А.Абдураҳмонов, 7
E-mail:
darmonbakhsh2017@mail.ru

# АВТОМАТИКУНОНИИ МУАССИСАҲОИ ТАБОБАТӢ



Дар шароити имрӯза таъминоти барномавии компютерҳои фардӣ дар аксарияти соҳаҳо татбиқ шуда истодааст. Аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии мо, автоматикунонӣ асосан дар соҳаҳои тиҷоратӣ, бонк ва алоқаи мобилӣ бештар ба роҳ монда шуда истодааст. Дар соҳаҳои иҷтимоӣ, аз қабили маориф ва тиб бошад автоматикунонӣ бо суръати на он қадар баланд рафта истодааст. Ҳол он, ки маҳз дар соҳаи иҷтимоӣ ҳаҷми ахбороти коркардшаванда ва гардиши ҳуҷҷат хеле калон буда, он вақти зиёдро талаб мекунад. Бо мақсади пуркунии фазои иттилоотӣ бо барномаҳои тоҷикӣ, иҷроиши саривақтии супоришу дастурҳои Ҷаноби олӣ оиди таълифкунии барномаҳои компютерӣ бо забони миллӣ ва расонидани кӯмак ба истифодабарандагони ниҳоӣ, мо тасмим гирифтем, ки барномае тартиб диҳем, ки вай барои осонкунии фаъолияти кормандони соҳаи тандурустӣ ва коркарди саривақтии маълумотҳои он хизмат кунад. Барномаи мазкур ғайр аз коркарди фаврии маълумот ва осонкунии кори кормандон боз имкон медиҳад, ки маълумотҳо дар хотираи компютери фаврӣ ба муддати дуру дароз сабт карда шавад. Чунончӣ барнома имкониятҳои зеринро доро аст: сабти амалиётҳо дар беморхона, қайди беморони муолиҷашаванда вобаста аз шӯъбаҳо, духтури муолиҷакунанда, намуди диагнози гузошташуда, намуди хизматрасониҳои расонидашуда, номгӯи доруворихои таъиншуда, сабти пардохти хизматрасониҳо ва ғайраҳо. Инчунин имконият дорад, ки раванди ҳисобкунии маълумотҳои оморӣ ва ҳисоботдиҳӣ ба таври қулаю суръатнок иҷро карда шавад. Барномаи таълифнамудаи мо вобаста аз уҳдадориҳои касбӣ ва вазифаи кормандони муассисаҳои тиббӣ якчанд равзанаҳои корӣ дорад. Сараввал қайд кардан зарур аст, ки ин барнома бояд дар ҳамаи шӯъбаҳо ва утоқҳои кории муассиса насб карда шуда, тавассути шабакаи локалӣ истифода бурда шуданаш зарур аст. Маҳз дар ҳамин ҳолат мутамарказии коркарди маълумотҳо ва пайванди фаъолияти тамоми кормандони муассисаи тиббӣ ба амал меояд. Барнома дар компютери асосӣ аз тарафи роҳбари муассиса пурра назорат карда шуда, маҳз ҳамин шахс ба тамоми қисмҳо ва ҷузъиётҳои барнома дастрасии комилро дорад. Кормандони дигар вобаста аз вазифаҳояшон ин ё он қисматҳои барномаро истифода мебаранд. Бинобар ин барои ҳар як корманд Логин ва Сиркалима (Парол) дода мешавад. Ҳангоми воридшавӣ ба барнома равзанаи асосии он кушода мешавад, ки шакли зеринро дорад:




Маҳз дар ҳамин оина ҳар як корманд (дар ин ҷо истифодабаранда) логин, сиркалима ва рақами шӯъбаи худро ворид намуда, ба барнома дохил мешавад. Пас аз ин ҳар як корманд равзанаи кории ба худ лозимиашро қабул намуда, ба он маълумотҳояшро ворид мекунад.

Чунончӣ: дар равзанаи поёнӣ маълумоти умумӣ оиди беморони қабулшуда, вобаста аз шӯъба, сана, қад, вазн, ҷинс, миллат, соли таваллуд ва ғайраҳо инъикос мешавад, ки он барои кормандони шӯъбаи қабул хос аст.

Ҳангоми яке аз беморонро интихоб намудан дар равзанаи алоҳида маълумот оиди ҳамон бемор пайдо мешавад.




Дар равзанаи дигар оинаи қабулкунии беморон вобаста аз шакли муолиҷаи он: статсионарӣ ва амбулаторӣ ба қайд гирифта мешаванд:




Маълум аст, ки дар беморхонаҳо рӯз то рӯз миқдори хизматрасониҳо меафзояд.

Бинобар ин дар барнома равзанаи қайди хизматрасониҳои нав ворид карда шудааст, ки он шакли зеринро дорад:36



Намудҳои хизматрасони

Илова намудани номгӯйи хизматрасониҳо

Номгӯй:

Маблаг: Шуъба: Ислохнамои Баромад

| Код | Номгӯй | Маблаг | Шуъба |
|---|---|---|---|
| 1 | Одди | 680 | Хучраҳо |
| 2 | Одди | 680 | Хучраҳо |
| 3 | Одди | 680 | Хучраҳо |
| 4 | Одди | 680 | Хучраҳо |
| 5 | Одди | 680 | Хучраҳо |
| 6 | Одди | 680 | Хучраҳо |
| 7 | Люкс | 730 | Хучраҳо |
| 8 | Одди | 680 | Хучраҳо |
| 9 | Одди | 680 | Хучраҳо |
| 10 | одди | 340 | Хучраҳо |
| 11 | Одди | 680 | Хучраҳо |
| 12 | н/м | 0,0000 | Хучраҳо |
| 13 | н/м | 0,0000 | Хучраҳо |
| 14 | н/м | 0,0000 | Хучраҳо |
| 15 | н/м | 0,0000 | Хучраҳо |

Дар барнома як ҳолати асосӣ мутобиқи дархости табибон ворид карда шудааст.




Яъне ҳолати ҳар як бемори муолиҷашаванда мутобиқи рӯзҳо қайд карда шуда, номгӯи доруворихо ва муолиҷаҳо сабт карда мешаванд.

Ба ҳамин тартиб дар ин барнома ҳар як равзана вобаста аз вазифаи корманд нишондоди худро дорад. Барномаи мазкур дар якчанд беморхонаҳо ба таври экспериментали истифода бурда шуд. Мутахассисон ва кормандони беморхонаи мазкур ба он баҳои баланд дода, фикру дархостҳои худро баҳри боз ҳам баланд шудани он иброз доштанд. Оиди татбиқи барнома ба таври хаттӣ маълумотнома низ доданд. Дар асоси хулосаи мутахассисони соҳаи тиб аз муассисаи давлатии Маркази миллии патенту иттилоот шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии захираи иттилоотӣ таҳти № 4761300258-аз санаи 15.03.2013 ба даст оварда шуд.

Барои татбиққунии барномаи мазкур дар муассисаҳои тиббӣ мавҷудияти ҳатмии компютерҳо дар ҳар як шӯъба, мавҷудияти шабакаи локалӣ (дар ҳолати мавҷуд набудани шабака, бояд он ташкил карда шавад ва таҷҳизотҳои шабакавӣ ҳангоми харида шуданаш ба сметаи хароҷотҳо ворид карда мешаванд) зарур аст. Миқдори компютерҳо ва таҷҳизотҳои шабакавиро худи муассисаи тиббӣ вобаста аз миқдори корманд ва шӯъбаҳо муайян мекунад. Ҳарчанд он ба қатори қисмати молиявии ин лоиҳа ворид нашавад ҳам, хароҷоти пулиро талаб мекунад. Насби барнома ва истифодабарии он дар мӯҳлати панҷ сол ба таври шартнома муайян карда мешавад. Татбиқи барнома дар муассисаҳои тиббӣ якум ба сарфаи вақт, дуюм ба тарзи суръатноки коркарди ахбор, сеюм ба сифати баланди ҳуҷҷатнигорӣ оварда мерасонад, ки ҳисоби он асосан нисбӣ ба роҳ монда мешавад. Умуман сарфаи вақт худ ин ба дастоварии фоидаи молӣ ва маънавист!

Албатта татбиқи барнома дар соҳаи тиб ба баландшавии сифати хизматрасонии он оварда мерасонад. Илова бар ин тавассути ин лоиҳа татбиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ», «Дар бораи иттилоотӣ» ва ғайраҳо иҷро мешавад. Албатта аз автоматикунонии соҳаҳои иҷтимоӣ барои барномасозон он қадар фоидаи баланд ба мисли автоматикунонии соҳаҳои дигари иқтисодӣ ба даст наояд ҳам, аммо фурсати он расидааст, ки тавассути мутахассисони ватанӣ ин муаммоҳои ҷойдошта ҳал карда шавад. Дар нақша гирифта шудааст, ки оянда бо назардошти таклифу дархостҳои мутахассисон ба барнома тағироту иловаҳо ворид карда шуда, он боз ҳам такмил дода шавад.

**Парвина Миралиева,**
**муаллимаи фанни информатика, КТК**

Аз умр пурсамар истифода кардан ду бор зистан аст.
Мартсиал

ДАРМОНБАХШ
№ 7 (28) 16 октябри соли 2020

# МОНИТОРИНГИ КОВИД-19, КИ КТК ДАР ҚИСМАН МАҲАЛЛАҲОИ ШАҲРИ КӮЛОБ ГУЗАРОНД

Гурӯҳи кории омӯзгорони МДТ «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб»ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз рӯзи 7 октябри имсол дар қисман кӯчаҳои шаҳри Кӯлоб оиди ташхиси саривақтии бемории коронавируси навъи «COVID-19» ва қабули арзу шикоятҳои сокинон гардиши хонагӣ карданд.

Мутобиқи дастури Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 7-уми октябри соли 2020 омӯзгорони МДТ «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Р.А. гардиши хонагиро дар кӯчаҳои шаҳри Кӯлоб бо мақсади сӯҳбату вохӯрӣ бо аҳолӣ оиди ташрифи табибон ва ҳамшираҳои тибби оилавӣ ва ташхису саривақт ба табобат фаро гирифтани онҳо гузарониданд.



Аз тарафи омӯзгорони коллеҷ дар кӯчаи И.Сомонӣ, бинои 2 ҳуҷраҳои 33,37,38,45,46,57,58,63,68; кӯчаи Бозорӣ хонаҳои №10,10а 10б то №25 ва аз №42,43,44,53 то 58 гардиш карда шуда, дар байни оилаҳо оиди пешгирии бемории сироятии коронавируси навъи «COVID-19» ва бақайдгирии шахсони гирифтори ин беморӣ мониторинг гузаронида шуд. Ҳангоми сӯҳбат бо оилаҳо ва санҷиши ҳарорати бадани аъзоёни оилаҳои маҳаллаҳои дар боло номбаршуда аломатҳои бемории сироятии коронавируси навъи «COVID-19» ва илтиҳоби шадиди шуш ба қайд гирифта нашуд. Бо аъзоёни оилаҳо дар алоҳидагӣ сӯҳбатҳо



оиди ин беморӣ гузаронида шуд. Омӯзгорони коллеҷ тарзи риояи оддитарин қоидаҳои гигиениро ба нафарони вохӯрда фаҳмонида, чӣ гуна худро муҳофизат намудан аз ин беморӣ ба онҳо мълумоти пурра доданд.

Ҳангоми мониторинг муайян карда шуд, ки ҳамшираҳои тибби оилавӣ пайваста бо аҳолӣ дар робита буда, бо пайдошавии аломатҳои бемории сироятии коронавируси навъи «COVID-19» дар оилаҳо бо табиби оилавӣ машварат мегузаронанд. Аз тарафи аҳолӣ ягон шикоят пешниҳод карда нашуд.

Аз тарафи кормандони МСШ №1-и ш.Кӯлоб гардиши хонагӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ хуб ба роҳ монда шуда, ҳамчунин кормандони муассиса ба воситаи телефон ҳамеша бо аҳолӣ дар алоқа мебошанд.

**АЗИЗЗОДА З.А.**
**номзади илмҳои тиб,**
**директори МДТ “Коллеҷи тиббии ш.Кӯлоб” ба номи Раҳмонзода Р.А**

# ШИР – ҲАМ ТАШНАШИКАНУ ҲАМ ҒИЗО

Яке аз серистеъмолтарин ғизоҳо шир ба шумор меравад. Сафедаи ширро организм хуб аз худ менамояд. Шир мустаҳкамкунандаи масуният буда, раванди тавлиди хунро беҳ месозад ва ба пайдоиши мушакҳо кӯмак мерасонад. Олимон муайян карданд, ки сафедаи шир аз протеини барои ғизои варзишгарон омодашванда мондани надорад.

Аз ин рӯ, пеш аз машқ нӯшидани як истакон шир баробари коктейли протеинӣ барои мушакҳо муфид аст.

Ҳама маҳсулоти ширӣ беҳтарин манбаи калтсий ба шумор мераванд. Калтсий бештар дар панир аст, вале чарб низ дар он зиёд аст. Аз ин рӯ, касоне, ки аз сервазнӣ ва диабети қанд азият мекашанд, беҳтараш шир ё кефир истеъмол намоянд.

Калтсийи таркиби шир (лактети калтсий) дар шакли органикӣ буда, микроэлементи мазкур дар ин шакл ба организм пурра ҷаббида мешавад.

Дар замони Шӯравӣ ба коргароне, ки дар муҳити зарарнок кор мекарданд, аз ҷониби давлат шир медоданд. Ин бесабаб набуд, зеро шир аз организм намаки металлҳои вазнинро берун карда, сарбории радиологиро дур менамояд. Аз ин рӯ, баъди ташхиси рентгенӣ нӯшидани як истакон шир нафъ дорад. Ҳамчунин барои сокинони шаҳру маҳалаҳои ҳавояшон ифлос истеъмоли шир ва маҳсулоти ширӣ манфиатнок аст.

Аммо истеъмоли шир ҳангоми шикамрав зимни заҳролудшавӣ аз ғизо тавсия дода намешавад. Баъзеҳо чунин мепиндоранд, ки шир танҳо ғизо барои кӯдакон буда, калонсолон бояд аз он ба хотири пешгирии мушкилот дар меъда худдорӣ намоянд.

Чунин ақида на ба ҳама рост меояд. Гап дар сари он ки барои ҳалшавии қанди таркиби шир ферменти махсус зарур аст, ки лактоза ном дорад. Бо рафтани синну сол организми баъзе касон мумкин аст, ки қобилияти истихроҷи ин ферментро гум кунад. Дар чунин ҳолат истеъмоли шир воқеан ҳам метавонад боиси дамиши шикам ва дарунрав гардад. Агар дар шумо ин ҳолатҳо рӯй надиҳад, бемалол ширро истеъмол кардан гиред.

Барои ашхосе, ки дар онҳо норасоии ферменти лактоза мушоҳида мешавад, табибон истеъмоли ғилофак (капсула)-ҳои лактозаро тавсия медиҳанд, ки дар дорухонаҳо мавҷуд аст. Бо гузашти айём организми кӯдакон хусусияти истихроҷи ферменти мазкурро пайдо хоҳад кард, вале ба калонсолон лозим меояд, ки ҳангоми истеъмоли шир аз капсулаи лактоза истифода баранд.

Барои ҷабидашавии шаклҳои органикии калтсий миқдори муайяни чарб зарур аст. Зиёду камшавии чарбҳо барои калтсийро пурра ҷаббидани организм халал мерасонанд. Дар шир чарби барои ҷабидашавии калтсий зарурӣ кифоя аст. Аз ин рӯ, агар 100 грамм панир истеъмол кунед, организматон нисбати истеъмоли 100 милилитр шир камтар калтсий мегирад.

Дар шири буз нисбат ба шири гов калий бештар аст. Ҳамчунин шири буз беҳтар ҳазм мешавад.

Ширро пухта истеъмол кардан зарур аст. Зимни пухтани шир қисми зиёди бактерияҳо нобуд мешаванд. Аз ин рӯ, шири пухта зуд вайрон намегардад. Ба таври дигар гӯем, пухтани шир як навъ безараргардонии он ба ҳисоб меравад.

**«Дармонбахш»**

# МАВЛУДАТОН МУБОРАК!

**Маъмурият, ҳайати омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз ва аҳли эҷоди рӯзномаи Дармонбахш ба омӯзгорон:**

**1. ШОВАЛИЕВА ҚУРБОНБӢ,01.10.1981, муаллимаи фанни У.Т.К.Л;**
**2. ПАРВИНАИ ЗИКРИЁ, 10.10.1991, лаборант;**
**3. МАҲМАДОВА ЗАРИНА, 10.10.1973, муаллимаи фанни забони тоҷикӣ;**
**4. ҲАМИДОВА ШАРИФАМО,15.10.1974, муаллимаи фанни фармакология;**
**5. ЯТИМОВА РУХШОНА,17.10.1975, мудири китобхона;**
**6. АЛИЗОДА МОҲРУХСОР, 24.10.1992, муаллимаи фанни момоӣ ва бемориҳои занона;**
**7. БОБОЕВ ЁРМУҲАММАД,28.10.1982, муаллими фанни анатомия;**
**8. БАЖОВА МАЛИКАМО, 29.10.1972, котибаи ШК;**
**9. АБДУРАҲМОНОВА ҲАЛИМА, 30.10.1975, муаллимаи фанни қавигардонии солимии аҳолӣ;**

**ки дар моҳи октябр ҷашни мавлуд доранд ба соҳибҷашнҳо ҳисса ҳисса дуои бардавоми умр ва барору муваффақиятҳоро аз даргоҳи Худованди саховату бахшоянда хоста, надидани ғаму дасти камашонро аз ин ба баъд ҳам мехоҳанд. Бошад, ки ҳама ниятҳояшонро мо пушти амалҳояшон пӯшида дар ҷомаи ҳал бинем. Ҳамчунин ба соҳибҷашнҳо руҳияи ояндабинона, энержии зиёд барои амалӣ намудани фаъолияташон орзумандем. Бигузор барои амалӣ намудани нақшаҳои беохиру хоҳишҳояшон ҳамеша вақти кофиву имконият фароҳам бошад. Мавлудашонро мо муборакбод мегӯем.**

**ЗОДРӮЗ МУБОРАК ОМӮЗГОРОН ВА КОРМАНДОНИ АЗИЗ!**

# КУРУНОРО НОДИДА НАГИРЕД!

## чорабиниҳои ташвиқотӣ алайҳи мубориза бо бемории сироятии короновирусии навъи Covid-19



Санаи 06 октябри соли 2020 бо дастури Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи омӯзгорон ва донишҷӯёни МДТ “Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А.” корҳои ташвиқотӣ оид ба пешгирии бемории сироятии короновируси навъи Covid-19 дар байни аҳолии шаҳри Кӯлоб баргузор карда шуд. Омӯзгорон ва донишҷӯён дар кӯчаҳо ва ҷойҳои ҷамъшавии одамон, аз ҷумла бозорҳо ва марказҳои савдо бо мардум вохӯрӣ ташкил намуда, оиди хатари бемории мазкур ва роҳҳои паҳнёбии он маълумоти муфассал пешкаш намуданд. Ҳамчунин, зимни вохӯриҳо ба аҳолӣ зиёда аз 500 адад ниқобҳои муҳофизатӣ ва варақаҳои маълумотӣ оиди пешгирӣ ва ташхиси саривақтии бемории сиротии Covid-19 тақсим карда шуд.

Қайд намудан зарур аст, ки як қисми аҳолӣ, бахусус ҷавонон хатари паҳнёбии бемории мазкурро нодида гирифта, тавсияҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба пешгирии бемории мазкур риоя намекунанд, ки ин амали онҳо ташвишовар мебошад.

Аз ин рӯ мо омӯзгорон ва донишҷӯёни МДТ “Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А.” аз аҳолии шарафманди Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват ба амал оварда, хоҳиш менамоем, ки одитарин амалҳоро оид ба пешгирии паҳнёбии ин бемории хатарнок, аз ҷумла ба қадри имкон худдорӣ намудан аз ташриф ба ҷойҳои ҷамъшавии одамон, ҳатман шустани дастон, пӯшидани ниқобҳои муҳофизатӣ ва даст кашидан аз салом кардан ба воситаи дастафшонӣ риоя намоянд, зеро чӣ тавре, ки мегӯянд саломатии мо дар дасти худи мост.

**А. ЯТИМОВ,**
**Раиси созмони ҷавонони МДТ “Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А.”**

## БЕЭЪТИБОР

Дипломи гумшудаи силсилаи ДК 0001903, ки онро соли 2006 МДТ «Коллеҷи тиббии шаҳри Кулоб» ба хатмкардаи факултети «Кори ҳамширагӣ» Шарипова Рухшона Давлаталиевна додаст, беэътибор дониста шавад